«Тасдиқ мекунам»
Директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих Сафарзода Н. Ш.

«17» июни соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Абдуллозода Эмомалӣ Асодулло дар мавзуи «Хусусиятҳои эҷодии композитор Шухрат Ашӯров дар жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Дар марҳилаи муосири рушди мусиқишиносии тоҷик масъалаҳои омӯзиши мероси эҷодии композиторони тоҷик аҳаммияти махсус касб намудаанд. Дар ин замина таҳқиқи равандҳои ташаккул ва рушди тафаккури эҷодӣ дар эҷодиёти композиторони миллӣ, аз ҷумла омӯзиши хусусиятҳои жанрӣ, услубӣ ва драматургии асарҳои онҳо, яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ ба шумор меравад.

Диссертатсияи Абдуллозода Эмомалӣ Асадулло таҳқиқи илмии анҷомёфта буда, ба омӯзиш ва таҳлили вижагиҳои эҷодии композитор Шухрат Ашӯров дар жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ бахшида шудааст. Дар рисола паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти композитор, аз ҷумла ташаккули услуби эҷодӣ, истифодаи жанрҳои мусиқии вокалӣ ва саҳнавӣ, инчунин хусусиятҳои драматургӣ ва композитсионии асарҳои ӯ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Муҳтавои диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) ба шиносномаи ихтисоси илмӣ пурра мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи** диссертатсионии Абдуллозода Эмомалӣ Асадулло зимни омӯзиши фаъолияти эҷодии композитор Шухрат Ашӯров дар жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ дар муайян намудани хусусиятҳои

услубӣ ва жанрии эҷодиёти ӯ ифода меёбад. Ин масъала ба зарурати таҳқиқи системавии рушди мусиқии касбии тоҷик ва ташаккули жанрҳои вокалӣ дар давраи муосир вобаста мебошад.

Ҳамчун нишондиҳандаи рушди тафаккури композиторӣ дар мусиқии муосири тоҷик, хоса дар даврони Истиқлоли давлатӣ фаъолияти эҷодии Шуҳрат Ашӯров ва гуногунжанрии асарҳои ӯ аз муҳимму мубрам будани мавзуи таҳқиқ гувоҳӣ медиҳад.

Дар баробари ин, муайян намудани хусусиятҳои жанрӣ ва услубии жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ дар эҷодиёти ӯ аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дошта, аз саривақтӣ будани таҳқиқи диссертатсионӣ шаҳодат медиҳад.

Муҳаққиқ зимни таҳқиқ ба назарияҳои муосири мусиқишиносӣ ва жаншиносӣ такя намуда, масъалаҳои ташаккули жанр, хусусиятҳои композитсионӣ ва татбиқи равишҳои назариявиро дар амалияи эҷодии композитор мавриди таҳлил қарор додааст, ки ин ҳолат низ аз мубрамии мавзуи таҳқиқ дарак медиҳад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Муқаррароти илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда ба назарияҳои муосири мусиқии касбӣ ва таҳлили жанрӣ такя намуда, таҳқиқи вижагиҳои эҷодии Шуҳрат Ашӯров дар жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ дар асоси усулҳои илмии мусиқишиносӣ ва муқоисавӣ анҷом дода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки бори аввал эҷодиёти композитор Шуҳрат Ашӯров аз нуқтаи назари низоми жанрӣ ва хусусиятҳои услубии жанрҳои вокалӣ ва саҳнавӣ ба таври муназзам ва системавӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

**Аҳаммияти илмии натиҷаҳои бадастомада** дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф тавонистааст хусусиятҳои жанрӣ ва услубии эҷодиёти композиторро дар жанрҳои гуногуни вокалӣ муайян намуда, заминаҳои ташаккули тафаккури эҷодии ӯро асоснок созад.

Дар диссертатсия асарҳои вокалӣ, романсҳо, сурудҳои якка, асарҳои хор ва жанрҳои вокалӣ-саҳнавӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, ба гардиши илмӣ ворид гардидаанд, ки дорои арзиши муайяни илмӣ ва фарҳангӣ мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастомада** дар диссертатсияи Абдуллозода Эмомалӣ Асадулло дар он зоҳир мегардад, ки дар илми мусиқишиносии тоҷик бори аввал фаъолияти эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров ба таври системавӣ ва мукаммал аз нуқтаи назари жанрӣ, услубӣ ва драматургӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар асоси усулҳои муосири мусиқишиносӣ хусусиятҳои эҷодии композиторро

дар жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ муайян намуда, равандҳои ташаккули тафаккури композитории ӯро асоснок месозад.

Навгонии илмии таҳқиқот бо ҷалби маводи нави мусиқишиносӣ вобастагӣ дорад, ки дар он бори аввал таҳлили муфассалии фаъолияти эҷодии Шуҳрат Ашӯров дар илми мусиқӣ анҷом дода мешавад. Аз ҷумла, асарҳои калонҳаҷми композитор – опереттаи «Кони пурганҷ» ва операи бачагонаи «Чароғи сеҳрноки Аловиддин», инчунин осори вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавии ӯ мавриди таҳлили муфассали жанрӣ ва композитсионӣ қарор гирифтаанд.

Дар доираи таҳқиқот муҳаққиқ нахустин хулосаҳои илмиро оид ба хусусиятҳои жанрӣ ва услубии мусиқии композитории Тоҷикистони муосир ба илми мусиқишиносӣ ворид намуда, заминаи илмӣ барои омӯзиши минбаъдаи эҷодиёти композиторони миллӣ фароҳам месозад.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсияи Абдуллозода Эмомалӣ Асадулло, ки дар чор банд пешниҳод шудааст, муқаррароти мухтасар ва аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда буда, мавқеи илмии диссертантро ифода менамоянд ва заминаи баҳси илмиро дар атрофи онҳо фароҳам месозанд. Ин нуктаҳо натиҷаи таҳлили муфассали эҷодиёти композитор Шуҳрат Ашӯров дар жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ мебошанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Асоснокию эътимоднокии таҳқиқоти илмӣ аз маълумоти дурусту дақиқ, ба таври кофӣ ҷамъ овардани маводи таҳқиқ ва коркарди натиҷаҳои он, микдори интишорот ва анҷом додани таҳқиқоти мукаммали диссертатсионӣ бармеояд. Хулосаву тавсияҳои пешниҳодгардида ба таҳлилҳои илмии диссертант асос ёфтаанд. Илова бар ин, масъалаҳои муҳимми диссертатсия дар конференсияву ҳамоишҳои илмиии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ва якчанд ҳамоишу симпозиуми сатҳи байналмилалӣ мавриди арзёбӣ қарор дода шудаанд. Бино бар ин, диссертатсия таҳқиқи мукаммал ва муқоисавии вижагиҳои эҷодии композиторро фаро гирифта, бо истифодаи усулҳои таҳлили илмӣ заминаи устувор барои омӯзиши минбаъдаи эҷодиёти композиторони давраи Истиқлоли давлатӣ фароҳам овардааст. Аз ин рӯ, маводи кори диссертатсионӣ ҳам дар соҳаи мусиқишиносӣ ва ҳам дар раванди таълими ихтисосҳои мусиқӣ дар зинаҳои мактаби олӣ ва миёнаи махсус ҳамчун манбаи нави илмӣ ва таълимӣ арзёбӣ мегардад.

**Аҳаммияти илмии натиҷаҳои диссертатсияи** Абдуллозода Эмомалӣ Асадулло дар он ифода меёбад, ки ба илми мусиқишиносии миллӣ маълумоти нав ва муназзам оид ба фаъолияти эҷодии композитор Шуҳрат

Ашӯров ворид мегардад. Дар доираи таҳқиқ бори аввал осори ӯ аз нигоҳи жанрӣ, услубӣ ва композитсионӣ дар ҳамбастагӣ баррасӣ шуда, равандҳои ташаккули тафаккури эҷодии композитор дар заминаи мусиқии давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон муайян мегарданд. Натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд барои рушди назарияи мусиқӣ, таҳкими равишҳои таҳлили асарҳои композиторони муосир ва пурра намудани базаи илмии мусиқишиносии тоҷик аҳаммияти методологӣ дошта бошанд.

Аҳаммияти амалӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки маводи бадастомада метавонад дар раванди таълими фанҳои тахассусии муассисаҳои миёнаи махсус ва олии мусиқӣ истифода шавад ва барои такмили мазмуни фанҳои «Таърихи мусиқии муосири тоҷик», «Назарияи мусиқӣ» ва «Таҳлили асарҳои мусиқӣ» заминаи илмию методӣ фароҳам оварад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии Абдуллозода Эмомалӣ Асадулло дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар нашрияву маҷмуаҳои илмӣ ба табъ расидаанд. Мақолаҳои интишоршуда мазмуну муҳтавои асосии таҳқиқро инъикос намуда, нуктаҳои муҳимми илмии диссертатсияро фаро мегиранд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқ дар доираи лоиҳаҳои илмии Консерваторияи миллӣ амалӣ гардида, дар заминаи омӯзиши таҷрибаи касбии компорзитор Ш. Ашӯров такя намуда, ба дастовардҳои назариявии мусиқишиносӣ, аз ҷумла консепсияи илмии профессор Ф. Азизӣ ва таҳқиқоти муосири мусиқишиносӣ асоснок карда шудаанд.

Муаллифи диссертатсия дорои 12 таълифоти илмию таълимӣ ва методӣ мебошад, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар маҷаллаву маҷмуаҳои илмии дигар ба нашр расидаанд. Илова бар ин, маҷмуаи нотавии «Шуҳрат Ашӯров. Асарҳои вокалӣ», ки 29 асари вокалии якка ва хориро дар бар мегирад, аз ҷониби муаллифи диссертатсия барои нашр омода гардидааст. Бино бар ин, таҳлили маводи интишоршуда ва натиҷаҳои таҳқиқ собит менамояд, ки диссертатсия натиҷаи кори илмии мукаммал ва пайдарпай буда, марҳилаҳои таҳқиқ, коркард ва тасвиби он дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфтаанд.

Диссертатсия дар доираи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърих ва назарияи мусиқии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов омода гардида, ба самти илмӣ-таҳқиқотии кафедраи зикршуда пурра мувофиқат мекунад, бо мавзуъҳои илмӣ ва нақшаҳои таълимии Консерваторияи миллӣ алоқамандии бевосита дорад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқоти анҷомёфта дар он ифода меёбад, ки муаллиф дар асоси ҷустуҷӯҳои мустақили илмӣ осори парокандаи композитор Шуҳрат Ашӯровро ҷамъоварӣ намуда, онҳоро барои таҳлили минбаъдаи илмӣ ба низом даровардааст (1). Ҳамзамон, маҷмуаи нотавии асарҳои вокалии композиторро таҳия ва барои чоп омода сохтааст, ки ин иқдом дар фароҳам овардани заминаи таҳқиқ нақши муҳим дорад (2).

Муҳаққиқ инчунин дар асоси нусхаҳои чопи компютерӣ дар бойгонии композитор маводи зиёди илмӣ ба даст оварда, онҳоро дар раванди таҳлил истифода намудааст (3). Дар доираи фаъолияти илмӣ-амалӣ, ӯ ба раванди нотачинӣ ва таҳияи партитура ва клавири асарҳои саҳнавии композитор, аз ҷумла опереттаи «Кони пурганҷ», операи бачагонаи «Чароғи сеҳрноки Аловиддин» ва балети «Зол ва Рудоба» дар доираи лоиҳаи илмии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов мусоидат намудааст (4).

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори диссертатсияи Абдуллозода Эмомалӣ Асадулло дар мавзуи «Хусусиятҳои эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров дар жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ» тибқи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мураттаб гардида, аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, инчунин рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Дар маҷмуъ, диссертатсия хусусияти мантиқии пайдарпай дошта, бобҳо ва фаслҳои он бо ҳамдигар робитаи устувори илмӣ доранд ва як низоми мукаммали таҳлили мусиқишиносиро ташкил медиҳанд.

Ҳаҷми умумии диссертатсия 176 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Кор аз муқаддима, се боб (дар таркиби нуҳ фасл ва шаш зерфасл), хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, сохтори он ба талаботи муайяншудаи КОА мувофиқ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Дар муқаддимаи диссертатсия масъалаи мубрамии мавзуи таҳқиқ асоснок гардида, сатҳи омӯзиши он дар адабиёти илмӣ муайян карда шудааст. Ҳамзамон, дар ин қисмат мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети он, асосҳои манбаъшиносӣ ва методологии кор, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва сохтори умумии таҳқиқ ба таври мукаммал ва мантиқӣ шарҳ дода шудаанд, ки аз ташаккули дурусти дастгоҳи илмии диссертатсия шаҳодат медиҳад.

Боби якуми диссертатсия **«Пешомадҳои заминавии фаъолияти эҷодӣ»** дар асоси таҳлили муфассали роҳи эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров, марҳилабандии фаъолияти ӯ ва шарҳи заминаҳои таърихию жанрии ташаккули ҷаҳонбинии мусиқии ӯ таҳия гардидааст. Боб аз ду фасл ва чор

зерфасл иборат буда, дар он ҳам давраи таҳсилу ташаккули касбӣ ва ҳам давраҳои фаъолияти эҷодии муаллиф дар заминаи таҳаввули мусиқии академии тоҷик мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд. Муҳаққиқ ду марҳилаи асосии роҳи эҷодии композиторро ҷудо намуда, онҳоро ба «давраи москвагӣ» ва «давраи ватанӣ» нисбат медиҳад, ки ин тақсимбандӣ ба ҷойи зист ва муҳити эҷодӣ асос ёфтааст: «– давраи москвагӣ (солҳои 1984–2006); – давраи ватанӣ (солҳои 2006–2016)» (Дис., саҳ. 10-18).

Дар зерфасли аввал – **«Давраи москвагӣ»** ташаккули касбии композитор дар муҳити академии мусиқии Русия баррасӣ мегардад. Қайд мешавад, ки таҳсили ӯ дар Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода, омӯзишгоҳи назди Консерваторияи давлатии Москва ба номи П. Чайковский ва Академияи мусиқии Русия ба номи Гнесинҳо заминаи устувори касбии эҷодиёти минбаъдаи ӯро фароҳам овардааст. Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки дар ҳамин муҳит «шавқи эҷоди мусиқӣ Шуҳрат Ашӯровро ба фарогирии доираи васеи жанрҳо ҳидоят намуд», ки дар натиҷа асарҳои созӣ, вокалӣ ва камеравӣ ба вуҷуд омадаанд. Аз ҷумла, дар диссертатсия чунин намунаҳо зикр мешаванд: хори a’capella «Боғи мо», чор романс, квартет ва квинтетҳои фортепианоӣ, соната барои гобой ва фортепиано ва дигар асарҳо, ки «хеле ҷолиб баромадаанд» (Дис., саҳ. 12).

Дар ҳамин давра ҳамчунин таъсири муҳити фолклорӣ ва мусиқии суннатии тоҷик ба эҷодиёти композитор таҳлил мешавад. Муаллиф таъкид мекунад, ки «омӯзиши асосҳои оҳангӣ-лаҳнӣ ва зарбии мусиқии халқи тоҷик» дар эҷоди асарҳое чун сюитаи «Синдбод» ва «консерт-ривоят» барои виолончел ва оркестр нақши муҳим бозидааст. Ба ақидаи муҳаққиқ, ин асарҳо «омехташавии зарбу оҳангу шаклсозии мусиқии Шарқу Ғарб»-ро ифода мекунанд (Дис., саҳ 12).

Зерфасли дуюм – **«Давраи ватанӣ»** ба марҳилаи нави эҷодии композитор дар шароити Истиқлоли давлатӣ бахшида шудааст. Дар ин марҳила, тибқи таҳқиқ, фаъолияти композитор дар се самт – омӯзгорӣ, эҷодӣ ва иҷтимоӣ рушд мекунад. Муҳаққиқ таъкид менамояд, ки ӯ «якум композиторе буд, ки карахтии тарбияи кадрҳои композиториро шикаст», зеро дар натиҷаи фаъолияти омӯзгории ӯ «қариб бист нафар ба тахассуси композитсия таваҷҷуҳ карданд» (Дис., 13-14). Ин ҷанба ҳамчун саҳми муҳим дар рушди низоми таълимии мусиқии тоҷик арзёбӣ мегардад.

Дар бахши эҷодӣ диссертант афзоиши жанрии эҷодиёти композиторро дар ин давра нишон медиҳад. Асарҳои камеравӣ, вокалӣ ва саҳнавӣ пайиҳам ба вуҷуд омада, ба ташаккули услуби мустақили ӯ мусоидат кардаанд. Аз ҷумла, «Фантазия барои фортепиано ва оркестри камеравӣ», «Элегия»,

«Пйесаи консертӣ барои рубоб ва фортепиано», инчунин квинтетҳои гуногун ҳамчун намунаҳои барҷаста зикр мешаванд.

Муҳаққиқ махсусан ба рушди жанри суруд ва мусиқии хор таваҷҷуҳ намуда, таъкид мекунад, ки дар шароити нави иҷтимоӣ зарурати навсозии ин жанр ба миён омад. Ба андешаи ӯ, композитор анъанаи serрангии мусиқии тоҷикро идома додааст»ва онро бо забони муосири мусиқӣ такмил намудааст.

Дар ҳамин боб ба фаъолияти саҳнавии композитор низ диққати махсус дода мешавад. Офаридани асарҳои калонҳаҷми саҳнавӣ – опереттаи «Кони Пурганҷ», балети «Зол ва Рудоба» ва операи бачагонаи «Чароғи сеҳрноки Аловиддин» ҳамчун марҳилаи муҳими эҷодӣ арзёбӣ мегардад.

Боби якум ҳамчунин ба таҳлили заминаҳои таърихии жанрҳои мусиқӣ-саҳнавӣ дар Тоҷикистон бахшида шуда, рушди оперетта ва операи бачагона дар мусиқии миллӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Муҳаққиқ зикр мекунад, ки нахустин опереттаи тоҷик «Розия» (1942) буда, баъдан ин жанр бо асарҳои З. Шаҳидӣ, С. Урбах ва дигарон рушд ёфтааст, вале бо вуҷуди мавҷудияти асарҳои ҷолиби мусиқӣ, мушкилоти драматургӣ дар ин жанр боқӣ мондааст.

Дар мавриди операи бачагона бошад, диссертант рушди тадриҷии онро аз намоишномаҳои мусиқӣ-адабӣ то операҳои мукаммал нишон медиҳад ва таъкид мекунад, ки ин жанр ҳамагӣ дар шумораи маҳдуд инкишоф ёфтааст ва дар мусиқии тоҷик ҳанӯз ҳам потенсиали рушд дорад. Дар ҳамин замина операи бачагонаи композитор Шуҳрат Ашӯров ҳамчун идомаи анъана арзёбӣ мешавад.

Боби дуюм – **«Диди Шуҳрат Ашӯров ба жанри бузургҳаҷми мусиқӣ-саҳнавӣ»** ба таҳлили асарҳои асосии саҳнавии композитор бахшида шуда, опереттаи «Кони пурганҷ» ва операи бачагонаи «Чароғи сеҳрноки Аловиддин»-ро ҳамчун намунаҳои муҳимми жанри мусиқӣ-саҳнавӣ мавриди баррасии муфассал қарор медиҳад. Муҳим он аст, ки диссертант ин марҳиларо ҳамчун давраи авҷи эҷодии композитор (солҳои 2010–2016) муайян намуда, дар он якбора зуҳури се асари калонҳаҷми гуногунжанрро таъкид мекунад. Чунин мавқеъгирӣ ба таҳқиқот хосияти системавӣ ва даврабандии илмӣ мебахшад.

Диссертант, дар **фасли якуми боби дуюм** зери унвони «**Опереттаи «Кони пурганҷ» – нахустин опереттаи давраи Истиқлолият**» опереттаи «Кони пурганҷ»-ро ҳамчун аввалин намунаи жанри оперетта дар давраи Истиқлоли давлатӣ ва дар умум дар даҳсолаҳои охири мусиқии академии тоҷик арзёбӣ мекунад.

Диссертант сохтори асарро муфассал таҳлил намуда, онро аз се саҳна иборат мешуморад ва унсурҳои гуногуни жанриро (суруд, ария, ариозо,

речитатив, дуэт, трио, квартет, саҳнаҳои рақсӣ, хорӣ ва оркестрӣ) ҳамчун низоми ягонаи драматургӣ шарҳ медиҳад (Дис., саҳ. 29-30).

Хусусан таҳлили интродуксия аз ҷиҳати илмӣ ҷолиб мебошад. Муаллиф дар ин қисмат чор образи мусиқиро ҷудо намуда, онҳоро ҳамчун лейтмотивҳои асосии асар муайян мекунад: «оҳанги ҷавонӣ», «оҳанги ҷасурӣ», «оҳанги ишқу муҳаббат» ва «оҳанги зафари ҷавонӣ». Ба андешаи диссертант, ин мавод на танҳо дар интродуксия, балки дар тамоми рафти оперетта такрор ва рушд меёбад, ки ин ба ташаккули системаи лейтмотивӣ далолат мекунад.

Бартарии муҳими таҳқиқ дар он аст, ки муаллиф пайвастагии шакли аврупоии опереттаро бо унсурҳои мусиқии суннатии тоҷик (зарб, фалак, уфар ва ғ.) нишон медиҳад. Дар натиҷа, асар ҳамчун намунаи синтези муваффақи анъана ва муосир арзёбӣ мешавад.

Дар таҳлили рафти оперетта низ диссертант ҳар як рақами мусиқиро аз лиҳози вазифаи драматургӣ шарҳ дода, робитаи сурудҳо ва дуэтҳоро бо лейтмотивҳои асосӣ нишон медиҳад. Аз ҷумла, истифодаи жанрҳои фолклорӣ (бадеҳа, рубоӣ, ғазал) ҳамчун василаҳои миллӣ гардонидани асар махсус таъкид мегардад.

Фасли дуюм ба таҳлили операи бачагона «Чароғи сеҳрноки Аловиддин» бахшида шудааст, ки он низ аз ҷониби муаллиф бо усули муфассали мусиқишиносӣ баррасӣ мегардад. Асар аз се намоиш ва ҳафт саҳна иборат буда, дорои драматургияи равшан ва мантиқан пайдарпай мебошад (Дис., саҳ. 52-74).

Диссертант ба таври асоснок таъкид мекунад, ки дар ин опера системаи лейтмотивӣ яке аз унсурҳои марказӣ мебошад. Аз ҷумла, суруди «Сарви равон» ҳамчун лейтмотиви Аловиддин дар тамоми асар такрор гардида, симои эҳсосии қаҳрамонро муттасил рушд медиҳад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми таҳқиқ дар ин фасл таҳлили оркестр ва мусиқии тасвирӣ мебошад. Муаллиф нишон медиҳад, ки эпизодҳои оркестрӣ (мисли «мусиқии ҷодугарон», «аспдавонӣ» ва «мусиқии пурҳаяҷон») танҳо унсури заминавӣ нестанд, балки вазифаи мустақили драматургӣ доранд ва дар ташаккули фазои афсонавӣ нақши калидӣ мебозанд.

Инчунин, дар таҳқиқот масъалаи мутобиқсозии мусиқӣ ба психологияи шунавандаи кӯдак ба таври ҷиддӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф бо истинод ба андешаҳои назариявӣ таъкид мекунад, ки мусиқии бачагона бояд ҳамзамон тарбиявӣ, тасвирӣ ва дастрас бошад.

Боби сеюми кори диссертатсионӣ таҳти унвони **«Консепсияи эҷодии Шуҳрат Ашӯров дар жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-хорӣ»** ба таҳлили ҳамаҷонибаи осори вокалии композитор бахшида шудааст. Боб дар панҷ фасл

сохторбандӣ шуда, ҳар яке аз онҳо ба як гурӯҳи жанрҳои мусиқии вокалӣ ва вокалӣ-хорӣ равона гардидааст.

Дар фасли якум – **«Сурудҳои якка»** – муаллиф намунаҳои барҷастаи сурудҳои композиторро таҳлил намуда, хусусиятҳои жанрӣ, сохторӣ ва оҳангии онҳоро ошкор менамояд. Таъкид мешавад, ки сурудҳои яккаи Шухрат Ашӯров бо гуногунжанрӣ ва пайвастагии зич ба мазмуни матни шеърӣ фарқ мекунанд. Ин сурудҳо аксаран дар асоси сохторҳои дуқисма ва сеқисмаи одӣ ва инчунин шакли куплетӣ эҷод шудаанд, ки ба возеҳии драматургӣ ва дастрасии шунавоӣ мусоидат мекунад.

Фасли дуюм – **«Романсҳо»** – ба таҳлили жанри романс дар эҷодиёти композитор бахшида шудааст. Дар ин қисм равшан мегардад, ки романсҳои ӯ дорои хислати лирикии амиқ, драматизми нозук ва такя ба инкишофи тадриҷии кулминатсия мебошанд. Муаллиф дуруст таъкид мекунад, ки романсҳои Ашӯров дар пайванди анъанаҳои мусиқии классикӣ ва унсурҳои миллӣ ташаккул ёфтаанд.

Фасли сеюм – **«Сурудҳо барои яккахон ва хор»** – хусусияти синтези жанрӣ ва ҳамбастагии вокали соло бо хорро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Дар ин ҷо нақши драматургии хор ҳамчун унсури пурқуввати таҳрикдиҳандаи амал ва густариши фазои образӣ равшан нишон дода мешавад.

Фасли чорум – **«Сурудҳои хорӣ»** – ба осори хорие бахшида шудааст, ки дар онҳо композитор ба имкониятҳои гуногуни хор ҳамчун воситаи ифодаи оммавӣ, тантанавӣ, лирикӣ ва рақсӣ такя мекунад. Дар ин бахш гуногунрангии жанрии сурудҳои хорӣ ва истифодаи васеи шаклҳои гомофонӣ-гармоникӣ таъкид мегардад.

Фасли панҷум – **«Сурудҳо барои хори а капелла»** – хусусияти хоси навишти хор бидуни ҳамовозии созиро нишон медиҳад. Дар ин навъи асарҳо таваҷҷуҳи махсус ба тозагии интонатсионӣ, хати мелодикӣ ва полифонияи нозук равона шудааст.

Дар маҷмуъ, кори диссертатсионӣ собит месозад, ки дар осори вокалии Шуҳрат Ашӯров як низоми устувори фикрии композиторӣ ташаккул ёфтааст. Ӯ дар аксари асарҳо ба шаклҳои дуқисма ва сеқисмаи одӣ такя намуда, онҳоро бо унсурҳои куплетӣ, муқаддимаи созӣ ва кода ғанӣ мегардонад. Ин раванд ба ташаккули мантиқи равшани драматургӣ мусоидат менамояд.

Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқро дар шакли мантиқӣ ҷамъбаст намуда, барои истифодаи амалии онҳо дар раванди таълим ва фаъолияти эҷодӣ тавсияҳои мушаххас пешниҳод мекунанд. Рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳо мувофиқи талаботи муқарраршуда тартиб дода шуда, дастгоҳи илмии кор пурра ва муназзам мебошад.

Ҳамин тавр, диссертатсия аз лиҳози сохтор, мазмун ва сатҳи таҳқиқ кори баанҷомрасидаи илмӣ ба ҳисоб рафта, талаботи асосии таҳияи корҳои диссертатсиониро иҷро менамояд ва дорои мантиқи дохилии устувор ва пайдарҳамии илмӣ мебошад.

Автореферати диссертатсия, ки мазмуну мундаричаи мухтасари кори илмиро ифода менамояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Варианти русии автореферат бо варианти тоҷикии он пурра мувофиқ буда, муҳтавои корро пурра инъикос мекунад. Мақолаву таълифоти интишорнамудаи диссертант ба мазмуну мундариҷаи рисолаи илмӣ пурра мутобиқат мекунанд. Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферат оварда шудааст, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии корро ба таври ниҳоят мухтасар инъикос менамояд.

Диссертатсия ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти № 493 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссератсияи Абдуллозода Эмомалӣ Асадулло дар мавзуи «Хусусиятҳои эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров дар жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Таҳқиқи диссертатсионии мавзуъ аз он ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки кори илмии анҷомёфта буда, аз ҷанбаи қавии назариву амалӣ бархӯрдор аст. Ин баёнгари дарки паҳлуҳои мухталифи мавзуи таҳқиқ аз тарафи диссертант мебошад. Диссертатсия дар илми мусиқишиносии тоҷик дастоварди хуб буда, муаллиф аз уҳдаи вазифаҳое, ки ҳангоми анҷоми таҳқиқи илмӣ дар назди худ гузоштааст, ба хубӣ баромадааст.

**Эродхо ва ҳолатҳои баҳсталаб дар диссертатсия.** Бо вуҷуди он ки диссертатсияи Абдуллозода Эмомалӣ Асадулло ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои муҳимми мусиқишиносии муосири тоҷик бахшида шуда, симоии эҷодиии композитори маъруф Шуҳрат Ашӯровро муаррифӣ менамояд, дар ҷараёни баррасии он баъзе камбудиҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб низ ба назар мерасанд. Ин норасоиҳо хусусияти ҷузъӣ дошта, ба сатҳи умумии илмии кор таъсири ҷиддӣ намерасонанд, вале зикри онҳоро барои такмили минбаъдаи таҳқиқот

ва баланд бардоштани сифати корҳоиояндаи муаллиф аз манфиат холӣ намедонем:

1. Дар сохтори диссертатсия номҳои баъзе фаслҳо бештар хусусияти тавсифӣ ва умумӣ доранд, на масъалагузории дақиқи илмӣ. Чунончи, дар боби якум истифодаи унвонҳои «Роҳи эҷодӣ», дар боби дуюм «Интродуксия», «Рафти оперетта» ва дар боби сеюм «Сурудҳои якка», «Романсҳо» ва амсоли инҳо ба назар мерасанд. Чунин номгузорӣ бештар ба истилоҳоти мусиқӣ ва тавсифи жанрӣ такя мекунад ва камтар хусусияти таҳлили масъалаи илмиро инъикос менамояд, ки ин метавонад ба методологияи илмӣ халал расонад.

2. Дар диссертатсия фаъолияти эҷодии Шуҳрат Ашӯров дар аксари ҳолатҳо дар алоҳидагӣ баррасӣ шудааст. Муқоисаи он бо фаъолияти дигар композиторони муосири тоҷик ва минтақа анҷом дода нашудааст. Дар натиҷа, мавқеи воқеии ӯ дар раванди умумии рушди мусиқии академии тоҷик ва вижагиҳои услубии эҷодиаш бо дигар композиторон ба таври пурра равшан намегардад.

3. Дар диссертатсия дар беш аз 18 мавред истифодаи вазни арӯз дар матнҳои шеърии таҳлилшаванда ба назар мерасад. Аммо робитаи назариявӣ ва амалии байни системаи арӯз ва мусиқӣ аз ҷониби диссертант ба таври кофӣ баррасӣ нашудааст. Дар ҳоле ки ҳамоҳангии арӯз бо ритм, сохтори зарбӣ ва интонатсияи мусиқӣ яке аз масъалаҳои муҳимми таҳқиқоти мусиқишиносӣ ба шумор меравад.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат истилоҳи «Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шаклҳои гуногун – «Истиқлолияти давлатӣ» (дис., саҳ. 8, 10, 26; автореф., саҳ. 7, 19) ва «Истиқлолияти Тоҷикистон» (дис., саҳ. 18, 158; автореф., саҳ. 20, 39) – истифода шудааст, ки аз ҷиҳати услуби илмӣ ва меъёрҳои забони расмӣ гуногуниро нишон медиҳад. Мувофиқи мақсад мебуд, ки барои баланд бардоштани сатҳи забонӣ ва методологии таҳқиқ, дар тамоми матн як шакли ягона ва меъёрӣ – «Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» – истифода карда шавад.

Ин эродҳо характери тавсиявӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ аҳаммияти таҳқиқи анҷомдодаро халалдор намесозанд, зеро аксари онҳо хусусияти иншоию имлоӣ дошта, ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсир намерасонанд. Илова бар ин, онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд. Диссертатсия таҳқиқи мукаммали илмии бaанҷомрасида буда, дар пешрафти илми мусиқишиносии миллӣ, ба хусус таҳқиқи хусусиятҳои эҷодии дигар композиторон нақши муҳим дошта метавонад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқаррargардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси

6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд. Варианти русии автореферат бо варианти тоҷикии он мувофиқати комил дорад. Интишороти таълифнамудаи муҳаққиқ ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия пурра ҷавобгӯ мебошанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссератсияи Абдуллозода Эмомалӣ Асадулло дар мавзуи «Хусусиятҳои эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров дар жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) дар сатҳи зарурӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи кори диссертатсионӣ мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби докори илмҳои филологӣ, ходими пешбари шуъбаи воситаҳои ахбори омма ва табъу нашри Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва итилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумъазода Меҳроб Одина омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи васеи Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва итилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (протоколи № 6, аз 16-уми июни соли 2026) тасдиқ карда шудааст.

Дар ҷаласаи васеъ иштирок доштанд: 19 нафар.
Дар овоздиҳӣ 19 нафар иштирок намуданд.
Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 19 нафар, «муқобил» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**

номзади илмҳои таърих,
директори Пажӯҳишгоҳи
илмӣ-тадқиқотии фарҳанг
ва итилооти Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Некрӯз Шодӣ

**Эксперт:**
докори илмҳои филологӣ,
ходими пешбари шӯъбаи
воситаҳои ахбори омма ва
табъу нашри Пажӯҳишгоҳи
илмӣ-тадқиқотии фарҳанг
ва итилооти Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумъазода Меҳроб Одина

**Котиби илмии ҷаласа:**
котиби илмии Пажӯҳишгоҳи
илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва
итилооти Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон Исоев Қадриддин Абдурауфович

**Имзоҳои Н. Ш. Сафарзода, М. О. Ҷумъазода ва Қ. А. Исоевро тасдиқ менамоям:**

Нозири кадри Пажӯҳишгоҳи
илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва
итилооти Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон Холиқова Мунира Иззатуллоевна

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 17.
Тел: +(992) 233-58-84, +(992) 987766491
E-mail: vfarhang98@gmail.com

«17» июни соли 2026